ЭГАМИ НАЗРУЛЛОҲ

# АЗ ДАФТАРИ АЗИЗА

ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2005

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Ин китоб бо дастгирии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
мӯҳтарам Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов
ба табъ расидааст

Муҳаррир Мубашшир Акбарзод
Мусаввир Заррина Ҷалилова

Эгами Назруллоҳ. **Аз дафтари Азиза**. — Душанбе: «Адиб», 2005. 40 саҳ.

M $\frac{4702520202-42}{M\ 503}$ 2005

© Эгами Назруллоҳ, 2005 с.

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ОДАМ ҲАЙРОН МЕШАВАД

Хоҳӣ гапи нав ҳар гоҳ,
Биё, шунав аз Гулмоҳ.
Аз холаи Нигина,
Аз амаки Одина,
Аз рақси Зебо Амин,
Аз киноҳои навин…
Нест касе чу Гулмоҳ
Аз гапи олам огоҳ.
Пурсӣ вале аз хониш,
Аз сабақу аз дониш,
Қулфдаҳон мешавад,
Одам ҳайрон мешавад!

## ТО ОДАМ ДОНО БОШАД…

То дарёи лаболаб
Ҷорӣ ба поён шавад,
Сад чашмае раҳ ба раҳ
Қувватбахши он шавад

То дарахте расонад
Меваҳои шаккарин,
Реша давонад бояд
Аввал ба зери замин.

Занбӯраконро қуттӣ
То пур шавад аз асал,
Шарбати гул биҷӯянд,
Тай карда чандин маҳал.

То одамӣ ба олам
Олиму доно бошад,
Бояд ки аз маърифат
Чашми ӯ бино бошад.

## ҶӮИ НАВ

Гулдараро гузаштем,
Шарашараро гузаштем,
Аз ҳама боло рафтем,
Саргаҳи дарё рафтем.
Бо каланду бо мисрон,
Бо зӯри хурду калон
Ҷӯ кандему ҷӯ кандем,
Як ҷӯи хушрӯ кандем!
Беқарорӣ ҳам гузашт,
Интизорӣ ҳам гузашт,
Ба ҷӯи нав об омад,
Бо сад печутоб омад.
Меҳмон омад беҳисоб
Ба деҳа аз паи об.
Оби равон дорад ҷӯй,
Деҳаамон дорад тӯй!

## ДЕҲАИ ДӮСТӢ

Болотар аз Гулдара,
Дар ҷои хушманзара
Як деҳи нав бино шуд,
Аҷаб деҳи зебо шуд.
Тоҷику туркман омад,
Гурҷию арман омад,
Урусу тотор омад,
Одами бисёр омад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар деҳа сокин шуданд,
Ёрони қарин шуданд…
Ба деҳ аз меҳри тамом
Додем «Дӯстӣ» ном.

## ДАР ХОНА БАҲОРАМ ҲАСТ

Шаҳпарак, эй шаҳпарак,
Дорӣ худ оё дарак? –
Дар рӯи гул мешинӣ,
Аҷаб ту нозанинӣ!
Мерасад фасли хазон,
Баъди хазон зимистон.
Бо ин либоси тунук
Намехӯрӣ ту хунук?
Шаҳпараки хушнамо,
Биё ба хонаи мо.
Хонаи мо гармакак,
Ҳавои он нармакак,
Гулҳои бисёрам ҳаст,
Дар хона баҳорам ҳаст!

## ХУРӮС

Хурӯси яктои мо,
Тоҷи сарат аз тило,
Хушрӯиву хушовоз,
Пару болат доим боз,
Гарданатро ёзонда,
Шикаматро дамонда,
Думакатро ҷунбонда,
Тоҷакатро ларзонда,
Ҳар саҳар мезанӣ дод,
Аз дигар мезанӣ дод,
Мегӯӣ: «Қуд-куд-қудус!
Бархез аз хобат, Юнус!»

## «МЕҲР»

Ба рӯяшу ба мӯяш
Шишта безораш кунанд,
Газида, аз хоби ноз
Ҳар дам бедораш кунанд.
Чиркин либоси Ҳодӣ
Шудаст аз шираю қанд,
Ба ӯ меҳри пашшаҳо
Аз ин рӯ шуда даҳчанд.

## ШАҚШАҚА

Шақу шақу шақу шақ,
Дон мондамат дар табақ,
Чӣ мегӯӣ аз саҳар
Шақшақаҷони хушпар?
Гаҳ аз болои девор,
Гаҳ аз тори сафедор
Шақ-шақи шақ мекунӣ,
Ё аз чизе маҳзунӣ?
Ё бачаат бемор аст?
Ба ту дору даркор аст?
Забонатро надонам,
Чӣ мегӯӣ, ҳайронам…
Ногаҳ дарвоза во шуд,
Аз ҳар тараф садо шуд.
Бибим давиду бобом,
Очам давиду додом.
Дидам, акаам Даврон –
Дар ҳалқаи одамон,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аз хизмати аскарӣ
Омадаст ин саҳарӣ.
Шақшақаҷони зебо,
Даҳонат пури ҳалво –
Шақ-шақ кардӣ аз саҳар,
Овардӣ ин хушхабар!

## ОБЁРӢ

Чойакамро нӯшидам,
Мӯзаамро пӯшидам.
Бели бобо ба дастам,
Миёнро маҳкам бастам.
Рафтам дашти Гулихор,
Сар додам оби ҷӯбор.
Обаш сӯи ток омад,
Аз паҳлӯи нок омад.
Баъд аз фарозу нишеб
Об омад ҷониби себ.
Як камакак ҳаял шуд,
Пуроб ҳарду пал шуд.
Рӯи пал маҳтоб омад,
Маро вақти хоб омад.

## ҲУЛӮЛ

Қад-қади девори боғ
Ҳулӯлак алвон шудаст,
Пухтаву сар афканда,
Шаддаи марҷон шудаст.

Бурдам ман сӯи он даст,
Ба дастам хораш халонд,
Аз меваҳояш чидан
Ҳулӯлак маро намонд.

Аз бари домонам дошт,
Худро намудам раҳо,
Аз остинам кашид
Хораконаш ҳамоно.

Намехоҳад ҳулӯлак
Шохакош урён шавад,
Мевaашро ки чинанд,
Зинаташ вайрон шавад.

## ЧИРЧИРАК

Мардум ҳама хоб,
Чирчирак бедор,
Ҳама – дар роҳат,
Ӯ – шабзиндадор.
Магар бачааш
Шуда бедарак,
Ки ово дорад
Ӯро чирчирак?

## МЕБОРАД БОРОН

Шибир-шибир меборад
Аз саҳар борон.
Бороноба мешорад
Бар ҷӯйборон.

Атроф чун шабистон
Тира асту тор.
Дар шохаҳо чу марҷон
Чакраҳо қатор.

Дарахтон дар зери барқ
Чи дилписанданд,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Гӯё дар тӯи баҳор
Шилшилабанданд!

## ТАҲИ КУЛАҲ ЧӢ БОШАД?

Ногаҳ рӯ-рӯи хона
Кулаҳ бишуд равона.
Гуфтанд: ин чӣ балост?
Дар таҳи он кӣ баҷост?
Қиёмате барпо шуд,
Ҳавлӣ пури ғавғо шуд!
Гулнора панаҳ меҷуст,
Сайёра панаҳ меҷуст,
Ҷаҳид Анвар ба як бор
Баромад тори девор!
Ҳоли ҳар се дигар шуд,
Чашмашон сӯи дар шуд.
Кулоҳ аз дар баромад,
Ба ҳавлии тар омад,
Лабаки марза омад,
Ба дилҳо ларза омад.
Гуфтанд: ин дам мепарад,
Яке моро мебарад!
Ногаҳ кулаҳ шуд ғелон,
Аз марза хам шуд поён.
Сирри кулаҳ во шуд пас,
Ба худ омад он се кас –
Он чи зери он будаст,
Гурбача Мошон будаст!

## КУРТАИ БАҲОР

Ҷон холаҷони гулдӯз,
Бароям як курта дӯз,
Ки бошад мисли баҳор
Саропо нақшу нигор.
Дар бари гули раъно
Садбаргро бикун ҷо,
Нақше ҳам аз сияҳгӯш
Бидӯзаш дар бару дӯш.
Бе гулу нақшу нигор
Охир, ман чи хел Баҳор?!

## БОРИ ВАЗНИН

Сумка дар китф овезон,
Бори сумкааш гарон,
Аз мактаб базӯр-базӯр
Хона меояд Ашӯр.

Бигӯ, чи бошад ин бор,
Ки шуд бурданаш душвор?
Баҳои «ду» вазнин аст,
Ҳоли «2»-хон ҳамин аст!

## ЧӮҶА

Чӯҷаяки зардакак,
Майдаяки гардакак,
Бигӯ, куҷо меравӣ?
Танҳо чаро меравӣ?
Модарҷонро гум кардӣ,
Ки худ танҳо мегардӣ?
Чӯҷабарак – дар ҳаво,
Мебарад, охир, туро,
Эй чӯҷаяки нодон,
Бирав назди модарҷон!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ҶУВОРИМАККА

Кам бошад, эй ҷуворӣ,
Меҳрубоне ту ворӣ.
Дар бағал печак дорӣ –
Хобида бачак дорӣ,
Худата меҷунбонӣ,
Зулфата меларзонӣ,
Шир-шир медиҳӣ садо,
Хам шуда пешу қафо,
Аз ҷон алла мехонӣ,
Бачата мехобонӣ.
Бачаҳоят зебоянд,
Дар парпечак баҷоянд!

## БОРОН

Борони найсон борид,
Аз кӯҳу пушта шорид.
Борони сарди лошӣ
Мекунад нуқрапошӣ.
Аз саҳарӣ то ба шом
Мерезад ба як мақом:
Чаку чаку чаку чак,
Ҳама ҷо – пури пуфак!

## ЧӢ ГАП?

Нисфирӯзӣ дар ҳавлӣ
Якбора сар шуд мағал -
Лухтакча як сӯ парид,
Яке гирён шуд Зуҳал.
Гурбачаи беозор
Ногаҳ худро бадар кард.
Алопари ҳалқадум
Ба оҳу нола сар кард.
Гурезон шуд ба як сӯ
Мурғу селаи чӯҷа…
Чи шуд – ҳама фаҳмиданд:
Аз мактаб омад Хӯҷа!

## САРВИНОЗ

Саҳар фатираш додем,
Як коса шираш додем.
Косаи шираш ҳам монд,
Хушхӯр фатираш ҳам монд,
Қаҳр карду ноз кард,
Сарвиноз ароз кард.
Алопар давон омад,
Аз таги айвон омад,
Покиза ширашро хӯрд,
Нони фатирашро бурд.
Наҳории Сарвиноз
Қаҳр фақат монду ноз!

## ДУХТАРИ ХУБИ ХОНА

Азиза ҳар пагоҳӣ
Хушдил мехезад аз хоб,
Худ дасту рӯ мешӯяд,
Ба ҳавлӣ мезанад об.

То ба ҳавлии онҳо
Файзи саҳар дарояд,
Азизаи дилкушод
Дарвозаро кушояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар зери чойҷӯш ӯ
Чобук алав мекунад.
Очаш агар фармояд,
Оши палав мекунад.

Додаракашро ҳар рӯз
Ба боғча мебарад,
Баъди дарси худ ӯро
Ба хона меоварад.

Азизи мо – Азиза,
Азизаи ҷонона –
Духтари хуби мактаб,
Духтари хуби хона!

## НИНИЧА ВА ХАДИЧА

Нинича дар гаҳвора
Ғаш мекунад, бечора.

Чочакаш афтода дур,
Печакаш афтода дур,

Даҳонаш монда холӣ,
Куҷо ҷои хушҳолӣ?

Тозон Хадича омад,
Пеши нинича омад.

Чочакро пеши ӯ бурд,
Печакро худакаш хӯрд!

## АСО ЧӢ СЕҲР ДОРАД?

Бобои мо, ки пир аст,
Базӯр аз ҷо бихезад.
Бо зӯри мо бишинад,
Бо зӯри мо бихезад.

Аҳрору ман пагоҳӣ
Бардоштемаш аз ҷой.
Бобои мо гарон буд,
Мондемаш аз нав, э вой!

Омад барои ёрӣ
Аз хона Абдуҳомид,
Бобои ҷони мо ҳеҷ
Аз ҷои худ наҷунбид…

Хандон гирифт асоро,
Вай бори як асо шуд:
Якбора шуд баланд ӯ,
Осон ба рӯйи по шуд.

Асо чӣ сеҳр дорад,
Бингар ту ин асоро? –
Бардорад он ба як по
Бобои пири моро!

## ФОТИМАЮ ЗАҲРО

Якта Фотима-Заҳро
Дар синфи мо мехонад.
Кӣ Фотима? Кӣ Заҳро?
Ягон кас намедонад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Фотима дер монда?
Ё дер монда Заҳро?
Фотима шеър хонда?
Ё шеър хонда Заҳро?

Се сол шуд, ки инро
Намедонад муаллим,
Надонад инро ҳатто
Зираки синф Олим.

Оқибат ҳама фаҳмид:
Инаш кӣ ҳасту он кист? –
Заҳроҷон – кушодарӯ,
Фотимаҷон – қавоқист!

## ОМАД АЙЁМИ ЛОЛА

Болои дашти ҳамвор
Ин чизи нав чӣ бошад?
Рахшону арғувонӣ
Мисли алав чӣ бошад?

Ё майсаҳои гандум
Бигрифта ранги алвон?
Ё гиёҳи кӯҳу тал
Омад чунин ба ҷавлон?

Ё шуд зи забнами субҳ
Ойинае падидор? –
Акси шафақ ба дида
Гардид аз он намудор?

Ба холаи ҳамадон
Ман додам ин савола,
Гуфто ӯ: «Ҷони хола,
Омад айёми лола!»

## МАН ӮРО МЕҒАЛТОНАМ

Инро ҳама медонад –
Бобоям паҳлавон аст,
Як одами намоён
Дар байни одамон аст.

Мардум ба ман мегӯянд:
— Ҳай паҳлавон бобоят!
Шаъну шӯҳрати деҳа
Бошад, эй ҷон, бобоят!

Ҳама мегӯянд ин хел,
Валекин ман ҳайронам:
Чун гӯштӣ бигирем,
Ман ӯро меғалтонам.

## ДАРС

Муаллими Азиза
Ҳангоми дарси кушод
Гуфто, ки: «Паррандагон
Бошанд бояд озод!

Бедонаро дар қафас
Баъзе чаро андозад?
Ҷанги бечораҳоро
Дар тамошо андозанд?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Боре тасаввур кунед:
Парранда – дар қафас руст!
Оё ин аз инсоф аст?
Не, албатта! Нодуруст!»

Азиза хона омад,
Дари катакро во кард,
Чӯҷаву мурғаконро
Аз бандашон раҳо кард.

Гуфто сипас ба модар
Азиза бо дили шод:
«Мурғон ба мисли одам
Бошанд бояд озод!»

## АЗ ДАФТАРИ АЗИЗА

Дорад Азизаи мо
Як додараки хушқад,
Як додараки аҷиб,
Номи хушаш – Муҳаммад.

Як «2» ба дафтари ӯ
Муаллимааш мондаст,
Онро вале Муҳаммад
Аз дафтараш равондаст.

Муаллима чун дидаст
Онро пурнақшу нигор,
Дар ҷои «2»-и пешин
Баҳоҳои «5»-у «4»,

Гуфтаст бо тааҷҷуб:
— Он «2»-и ту куҷо шуд?
Дар дафтар ин «5»-у «4»
Чи хел, охир, пайдо шуд?

Муаллимаро гуфтаст
Гулдодари Азиза:
Инҳоро гирифтам қарз
Аз дафтари Азиза!

## ҲАМАРО ХАБАР КУНЕД

Азиза ин саҳар хест,
Болида ин қадар хест,
Ба ҳама гуфт: «Ин чӣ гап? –
Ҳама хомӯш асту хап?

Дидам як хоби зебо –
Раҳдурӣ акоямро,
Гуфто: меоям, хоҳар,
Ҳамаро бикун хабар!

Дарвозаро во кунед,
Дар рӯи кат ҷо кунед!
Сафарҷон, бирав берун,
Ҳамсояро хабар кун!

Хабар кун бобоࡈро ҳам,
Холаву тағоро ҳам!
Ҳамаро хабар кунед,
Хурсандиро сар кунед!
Аз рӯи ваъда бояд
Ҳозир акоям ояд!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ХОБИ САҲАР

Модар Азизаро гуфт
Ҳангоми кор рафтан:
— Айб аст, ҷони модар,
То ними рӯз хуфтан.

Ман меравам, ту бархез,
Кулчаи хосаро хӯр,
Асали тозаро хӯр,
Қаймоқи косаро хӯр!

Ӯ рафту Азизаро
Аз сари нав хоб бурд…
Қаймоқи косаашро
Мошон баиштиҳо хӯрд!

## ҶАВОБИ ДУРУСТ КАДОМ?

Пеш оварад Азиза
Ҳар рӯз сад «Чаро?»-ро.
Бо пурсиши зиёдаш
Дилтанг карда моро.

Боре гуфтамаш: «Агар
Шаб бо «Чаро?» бихобӣ,
Албатта, то саҳаргоҳ
Ҷавобашро биёбӣ!

Якчанд рӯз Азиза
Аз мо чизе напурсид,
Пурсидамаш чу боре,
Оҳе кашиду хандид.

Гуфто, ки «Аз «Чаро»-ҳо
Хобам ба дидагон нест,
Садҳо «Чаро?»-и нав ҳаст,
Аммо ҷавобашон нест!

Азизаҷон, Азиза,
Асло чунин напиндор,
Гар оромат намонад
«Чаро? Чаро?»-и бисёр.

Дар зиндагӣ ҳатман ҳаст
Ба ҳар «Чаро?» ҷавобе,
Он беҳ вале, ки ҳатман
Онро худат биёбӣ!

## БОБОИ БАРФӢ

Азизаҷони бобо
Бобои барфӣ дорад,
Ҳар гаҳ ки барф борад,
Ба кӯчааш барорад.

Бачаҳо ҳама ҳайрон:
Кӣ бошад бобои ӯ?
Бобои ҳақиқӣ аст,
Ё ин ки сеҳру ҷоду?

Рӯзе Бобои барфӣ
Дар яхи кӯча афтод,
Лат хӯрд оё, ки ногоҳ
Нолиш карду садо дод.

Аз беҳ канду афтод
Он ришу мӯи сафед,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Маълум шуд, ки будаст
Бобо додараш – Умед!

## МУБТАДО

Муаллим чунин навишт:
«Кучҷое рафта бобо».
Фармуд пас:
— Хат кашед
Дар поёни мубтадо!

Азизаҷони доно
Аз таҳти дил басо кофт
Аз ҷумла мубтадоро,
Валекин аз куҷо ёфт?

Гуфто пас:
— Беҳтараш ман
Furthermoreбоҷонро мекобам,
Ёбам агар боборо,
Мубтадоро меёбам!

## БАЧЧАМАРД

Ман аҳд агар бубандам,
Маҳкам камар бубандам.

Очаам ҳарчи фармуд,
Ман иҷро мекунам зуд:

Меорам аз мағоза
Саҳар ғизои тоза.

Ҳамроҳи додари ҷон
Меравам кӯдакистон.

Хуллас, ваъдаҳоямро
Мекунам аксар иҷро.

Бале, ман баччамардам,
Аз қавлам намегардам!

## ШИНОВАР

Соҳибҷон гуфто ба мо:
— Ман ҳам шиновар шудам!
Бо шиноварони зӯр
Акнун баробар шудам!

Дар байни оби калон
Задам дасту задам по,
Чун моҳӣ ҷастам ҳар сӯ,
Худро задам ба дарё!

Модараш гуфто: «Кунед,
Бачаҳо, ба ӯ бовар –
Имрӯз дар тағора
Соҳибҷон шуд шиновар!»

## ҚАЛАМФУР

Ашки Валӣ қатор аст,
Чун борони баҳор аст.

Сӯзад сабо даҳонаш,
Кому лабу забонаш.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сӯзад ба лаб нидояш,
Фарёду оҳу вояш.

Мисли чашмони тараш
Сӯзад ҳама пайкараш…

Аввал надида ин тур,
Хӯрдаст ӯ қаламфур!

## НОТАРС

Бародари ман Мансур
Наметарсад аз занбӯр,
Наметарсад аз саг ҳам,
Аз зарбаи калтак ҳам,
Ҳар сӯ метозад тоқа
Бе тарсе аз қурбоқа.
Надорад тарсе аз хор,
Аз ресмони чун мор.
Танҳо тарсад каму беш
Мансур аз сояи хеш!

## ХАТО

Болои токи ангур
Шуд ҷамъ майна бисёр,
Аз қиғу чиғи онҳо
Шуд боғ мисли бозор.

Инро бидиду Аҳмад
Аз кашкашак камон кард,
Чун тир санги хурдро
Бар сӯяшон равон кард.

Аз рӯи токи ангур
Селаи майна парид,
Аз гӯши Аҳмад аммо
Бобоҷони мо кашид.

Чунки дар тирандозӣ
Аҳмад каме хато кард –
Тирезаи бобоpo
Ба як зарба дуто кард!

## КАСАЛ

Дина дар нимаи дарс
Баҳроми мо касал шуд,
Аз пурсупоси ёрон
Дар гирди ӯ мағал шуд.

Гуфто ба ӯ муаллим:
— Бархезу рав ба хона!
Шодон ба хонашон тофт
Вай бо ҳамин баҳона.

Ба диданаш давиданд
Баъд аз сабақ рафиқон,
Баҳром аз дурӯғаш
Шарманда гашту сарсон.

Рафтори ӯ ҳамоно
Овозаву масал шуд,
Баҳром аз хиҷолат
Аз ростӣ касал шуд!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ФАРЗОНА АФСОНА ГУФТ

Фарзона пушти хона
Гуфто ба мо афсона.

Гуфто аз ону аз ин,
Аз меҳр гуфту аз кин.

Аз моҳу аз маҳӣ гуфт,
Аз роҳу бераҳӣ гуфт.

Моро гаҳе ба маҳ бурд,
Маҳро гаҳе ба чаҳ бурд.

Ҳар чиз хоҳад, он гуфт,
Касдону касмадон гуфт.

Аз ширу дӯғ ҳам гуфт,
Андак дурӯғ ҳам гуфт.

Ба вай нагӯед аммо,
Фаҳмидаем инро мо.

То вай аз мо наранҷад,
Аз бачаҳо наранҷад.

Агар ранҷад Фарзона,
Аз мо ранҷад афсона!

## МОШОН БА ДАСТ АФТОД

… Рӯзе аз дасти Мошон
Мушон ба танг омаданд
Бо хашм зидди Мошон
Мушон ба ҷанг омаданд.

Дар рӯ ба рӯи Мошон
Якбора саф кашиданд,
Бар ҷанги хеш аммо
Ӯро равон надиданд.

Тарсид сахт Мошон,
Дар хонааш баҷо шуд,
Аммо зи қаҳри мушон
Кошонааш фано шуд.

Мошонро охир асир
Чун шарманда гирифтанд,
Ҳар тори буруташро
Канда-канда гирифтанд…

… Аз хоби ноз бархест
Якбора Мири мушон,
Фаҳмид: хоб будаст
Ин дору гири мушон.

Бечора, Мири мушон
Ғамгину оташин рафт,
Аз тарсу бими Мошон
Бар таҳтари замин рафт!

## АНВАР КУҶО ШУД

Модар аз саҳар
Анвар бикобад,
Аз ҳеҷ ҷо лек
Ӯро наёбад.

Аз субҳи содиқ
Анвар куҷо шуд?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Нав буд ин ҷо
Куҷо бачо шуд?

Ҳарчанд ҷӯяд,
Ҳарчанд кобад,
То ман нагӯям,
Модар наёбад:

Дар рӯи ҳавлӣ
Тути калон аст,
Анвар нишаста
Болои он аст!

## МОШИН

Ди-дид, ди-дид, бихезед,
Аз роҳи ӯ гурезед,
То надида намонад,
Анвар мошин меронад!

Мошинаш – мошини зӯр,
Овозаш – қалдар-қулдур.
Гардонад бе каму кост
Мошинашро чапу рост.

Давонаду давонад,
Ҳаличаро ларзонад,
Сагбаччаро тарсонад
Гурбачаро ғалтонад!

Ана, аз боло омад,
Баландиро фаромад,
Ногаҳ…
Чӣ шуд?

Ҳопа шуд –
Мошинакаш чаппа шуд!

## СЕБИ ХУБОНӢ

Мадина омад
Аз боғ хандон,
Себи хубонӣ
Дорад ба домон.

Очаҷонам гуфт
Бо меҳрубонӣ:
«Ба мо ҳам бидеҳ
Себи хубонӣ!»

Мадина хандон
Гуфто ба оча:
«Себи хубонӣ –
Барои зоча!»

## АНВАР БЕДАРАК

Борон меборад
Борони чак-чак,
Анварҷон куҷо
Шуда бедарак?

Дар танааш буд
Куртаи тунук,
Бубин – дар берун
Шамоли хунук!

Аз кӯча ӯро
Модар бикобад,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед

Саргарми бозӣ
Ӯро биёбад.

Модар бикашад
Аз гӯши Анвар,
То нашавад гум
Ӯ бори дигар.

## КАДУ НАДОРАД

Даруни хона,
Дар пушти яхдон
Каду мекорад
Ҳар шаб Зафарҷон.

Гоҳе бикорад,
Гоҳе бичинад,
Додараки ӯ
Инро бубинад.

Даруни шӯрбо
Пора карда нон,
Пурсад зи модар
Додари ҳайрон:

«Зафар-ку ҳар шаб
Каду мекорад,
Чаро ин шӯрбо
Каду надорад?!»

## БИБӢ БИЁЯД...

Ҳар гаҳ ба хона
Бибӣ биёяд,
Бар пешвозаш
Гулрӯ бароядд.

Шавад ҷои ӯ
Бағали бибӣ,
Номакаш шавад
«Асали бибӣ!»

## ГУРБА ҚАБУЛ НЕ

Гирди тубакчаи гул
Бачаҳо бозӣ карданд,
То гурба ҳам биёяд,
Модарро розӣ карданд.

Гарбаи шӯху бало
Парид аз шодӣ башаст,
Ба табақча расида,
Онро афтонду шикаст.

Аз ин кори хунукаш
Дили ҳама шуд хиҷил,
Дигар барои гурба
Нашуд ягон кас кафил.

Чун бозӣ аз нав сар шуд,
Дар миёна гул набуд,
Аммо ба бозӣ дигар
Гурба ҳам қабул набуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## РАССОМИ МАКТАБИ МО

Ҳамсинфи мо Аҳмадҷон –
Рассоми мактаби мо,
Ба озмун меравад
Аз номи мактаби мо.

Аммо ягон дафъа ҳам
Мукофоташ наомад,
Дар ягон маҷалла ҳам
Номакаш набаромад!

Расме, ки ӯ мекашад
Ягонташ надорад ном,
Мурғакаш надорад дон,
Хонааш надорад бом.

Як расми ӯро имрӯз
Муаллима ҳам диданд –
Дар рӯи парта будаст,
Гӯшакашро кашидаст!

## КУРТАИ НАВ МЕХАРЕМ

Ботинкаи нав харед,
Почаи ман калон шуд.
Куртачаи нав харед,
Зочаи ман калон шуд.

Ботинкаи куҳнаам
Дар нӯгаки по шудаст,
Куртаяки зочаам
Аз зону боло шудаст.

Ман, ки калон мешавам,
Зоча калон мешавад,
Аз дасти ман гирифта,
Мактаб равон мешавад.

Пас коргар мешавем
Якбора ману зоча,
Куртаи нав мехарем
Барои шумо, оча!

## БО ГУЛИЛИ ЛОЛА ОЕД

Чинам аз боғи бобом
Гули садбаргу лола,
Бубарам бо эҳтиром
Барои ҷашни хола.

Имрӯз, эй азизон,
Мавлуди хола бошад,
Холаи ширини ман
Бистудусола бошад.

Шумо ҳам, эй бачаҳо,
Ба ҷашни хола оед,
Холаи ман – гул барин,
Бо гули лола оед!

## ДИҲАД ҶАВОБАШ

Ҳар рӯз офтоб
Чун хезад аз хоб,
Ба хонаи мо
Ояд бошитоб.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Расида ояд
Болои хона,
Бозӣ кунад хуб
Ӯ бо Рухшона.

Рухшонаи мо
Диҳад ҷавобаш,
Вақте ки ояд
Ба дида хобаш.

## ДАНДОНАКАМ, НАКУН ДАРД…

Дандонакам, накун дард,
Ки ҳоламро бад кардӣ,
Оби чашмамро берун
Қатра-қатра овардӣ.

Бин, ки сазо медиҳад
Апаҷонакам Зебо:
«Айби худат – мегардӣ
Нашуста дандонатро!»

Агар бимонӣ аз дард,
Ман бешӯхӣ мегӯям,
Дандонакам, туро ман
Шому саҳар мешӯям!

## ДУО Ё АСАЛ

То вақти мактабравӣ
Бо дилу рӯи кушод
Рустамҷони қобилак
Ба бобояш ёрӣ дод.

Вақти рафтанаш пурсид
Бо рамзу масал бобо:
«Ҳаққи корат, Рустамҷон,
Асал диҳам ё дуо?»

Гуфто Рустамҷон: «Диҳед,
Бобоҷон, ба ман асал,
Дуоятонро монед
Барои ягон касал!»

## ХОНАИ ХОЛА РАФТЕМ

Мо сайри лола рафтем,
Хонаи хола рафтем,
Бо раҳи пода рафтем,
Пои пиёда рафтем.

Пӯдина чида рафтем,
Қоқу чашида рафтем,
Аз кӯҳу камар рафтем,
Аз ҳам бехабар рафтем.

Аз раҳ чашма баромад,
Ба мо басо хуш омад,
Ҳалқамонро тар кардем,
Ба поён назар кардем.

Шаҳру деҳи надида
Намоён шуд ба дида.
Ҷои тамошо будаст,
Боби дили мо будаст!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ЧИҚ-ЧИҚ КАМ КУН

Чиқ-чиқ дигар бас,
Гунҷишкаки хом,
Ситораҷон нав
Гирифта ором.

Чун хезад аз хоб,
Кораш фиғон аст,
Хап кардани ӯ
Кори гарон аст.

Гаҳвораашро
Ман меҷунбонам,
Задааст ин кор
Охир, ба ҷонам!

## ТАГИ ТАБАҚ ЧӢ ДОРАД?

Дар як табақи калон
Холаҷонам ош овард,
Монда рӯи дастархон,
Хандон-хандон эълон кард:

«Дар таҳи оши табақ
Як ҳадяча пинҳон аст,
Ҳар кас биёбад онро,
Баччаи қаҳрамон аст!»

Бо шавқи дил табақро
Мо дар миён кашидем,
Аммо табақ калон буд,
Ба таҳаш нарасидем!

Майли бас кардан надошт
Ягон кас аз он миён,
Таҳи табақ чӣ дорад?
Кӣ мешавад қаҳрамон?

## ШАРШАРА

Оби тори бом
Чак-чак мерезад,
Аз навастаҳо
Ба так мерезад.

Резад ба сатил,
Резад ба коса,
Дар ҳавлии мо
Як базми хоса.

Бобоям имрӯз
Омад ба хона,
Аз тунука кард
Як новдона.

Оби бом акнун
Аз шара резад,
Дар ҳавлии мо
Шаршара резад!

## ГУНҶИШКАКИ ТОРИ СИМ

Гунҷишкаки тори сим,
Аз куҷо пайдо шудӣ?
Ту ҳам ба ангури мо
Ошиқи шайдо шудӣ?



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мегӯямат ба хубӣ:
Аз ин ҷо парида рав,
Ба зудӣ аробаат
Аз ин ҷо кашида рав!

Намебинӣ, мисли ту
Ангури мо ҳам хом аст,
Ту дар хаёли донӣ,
Мошон ба фикри дом аст!

## ГУРБАЧА ВА ГӮСОЛА

Гурбачае буд –
Боақлу боҳуш,
Як рӯз метохт
Аз паси як муш.

Гӯсоларо дид
Дар зери айвон,
Гурбача гардид
Бисёр ҳайрон:

«Як маҳ шуд маро
Модар бифармуд:
Ҷонакам акнун
Шав аз паи худ.

Айб аст дигар
Пистон макидан,
Аз паси мушон
Бояд давидан!..

Агарчи ҳанӯз
Бисёр хурдам,
Лабро ба пистон
Дигар набурдам.

Гӯсола сад бор
Аз ман калонтар,
Аммо макад боз
Пистони модар!?»

Гурбаи ҳайрон,
Нодонӣ аҷаб –
Гӯсоларо зод
Очаш ҳамин шаб!

Вай аз ту хурд аст
Дар солу дар ҳуш…
Шав аз паи кор –
Дав аз паси муш!

## МОШИНИ АЗИЗА

Аз кӯрпа Азиза
Як мошини калон сохт,
Як мошини калонро
Бечарху бебалон сохт.

Бикшода пас дарашро,
Чолок шуд савораш,
Ҳавлӣ ба ларза омад
Аз ғур-ғури матораш.

Нагрифт додарашро,
Кардаш агарчи зора,
Рафт ӯ ба сайри олам
Танҳо худаш савора.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Бо худ барад, чӣ мешуд?
Рухсат чаро надодаш?
Дар пеш агар набошад,
Дар пушт ҷо надодаш?

Хоҳар савори мошин
Тай зад раҳи зиёда,
Додар гириста мерафт
Аз пушти ӯ пиёда…

Ҳозир Азизаи ҷон
Аз мошинаш фуроад,
Монад, ки додараш ҳам
Як сайр карда ояд!

## ЗАФАР КУҶО ШУД?

Ними шабу Зафар нест,
Аз вай ягон хабар нест.

Ҷустем ҳар қадамро,
Болову пасту хамро.

Хона ба хона ҷустем,
Аз вай нишона ҷустем.

Аммо аз ӯ хабар нест,
Дар ҳеҷ ҷо Зафар нест!

Сарҳо пур аз хаёл аст,
Дилҳо пур аз малол аст!

Охир, Зафар куҷо шуд?
Пинҳон зи дидаҳо шуд!

Шаҳло яке нидо кард,
Фарёд беибо кард.

Мо сӯи ӯ давидем,
Хушҳолу шод дидем:

Дар пушти гоҳвора,
Монанди моҳпора,

Дарду балош бар ҷон,
Хобида хуш Зафарҷон!

## ПИНҲОН КУҶО ШАВАМ МАН?

Пинҳон шавам ба ҷое,
Хурмо маро бикобад,
Аз ҳеҷ ҷои хона
Аммо маро наёбад.

На аз қафои парда,
На аз даруни ҷевон,
На аз таги тағора,
На аз канори айвон.

Хурмо бидонад инро:
Маҳкам баҷо шавам ман,
Асло надонад аммо
Баҷо куҷо шавам ман.

Аз очаву аз додо,
Аз Сарвинозу Хурмо
Ҷои баҷоии ман
Бошад канори момо!



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДИГАР «МИЯВ» НАГУФТ…

Хоҳарбузургам омад
Нинӣ ба рӯи дастон,
Овард вай раҳовард
Як коса гӯштбирён.

Гурба «мияв-мияв» гуфт,
Чашмонашро ало кард,
Ҷунбонда ҳар тараф дум,
Майле ба сӯи мо кард.

Савғои меҳмонро,
Дар ошхона мондем.
Бо эҳтиром ӯро
Дар пешгаҳ нишондем.

Гапҳои ӯю модар
Бисёр қӯр бигрифт,
Бозии нинию ман
Оҳанги ҷӯр бигрифт.

Ногаҳ ҳама бидидем –
Лесид гурба лабро,
Бо як сухан бифаҳмонд
Мазмуни кору гапро.

Дигар «мияв» нагуфт ӯ,
Чашмаш набуд ало ҳам:
Дар коса намонда буд
Дигар ягон бало ҳам!

## МУРҒАК

Ин субҳ мурғаки мо,
Мурғаки сурхаки мо,
Бикшода боли худро,
Ёзонда ёли худро,
Хонад сурудаки худ:
— Қуд-қуду қуд-қуду қуд!
Чун мурғакони хушхон
Омад магар ба илҳон?
Ё сер аз обу дон шуд?
Пуртобу пуртавон шуд?
Ё худ раҳо шуд аз банд?
Аз чист шоду хурсанд?
Ё балки мурғаки мо,
Мурғаки сурхаки мо,
Бо ин сурудаки худ
Гӯяд ба мо, ки «Қуд-қуд!
Ман кори мурғ кардам,
Як тухми сурх кардам!»

## ЧАРОҒАК

Вақте ки ранги сурхаш
Бо қаҳр шӯъла пошад,
Истову мунтазир шав!
Вақти гузар набошад!

Вақте ки ранги зардаш
Бо тарс шӯъла пошад,
Як лаҳзаи дигар бош!
Вақти гузар набошад!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ваҡте ки ранги сабзаш
Шодона шӯъла пошад,
Бигзар ту низ шодон,
Роҳат кушода бошад!

## СОЛИ НАВ

Аз кӯҳ сӯи водӣ
Барфак хамида омад,
Бобои барфии мо
Чобук расида омад.

Бозичаҳо дурахшон
Дар шохаҳои арча,
Бо ҳам тарона хонем
Духтарчаю писарча.

Берун касе наомад
Аз базми раҳсу бозӣ,
Аз тухфаҳои бобо
Дорем сарфарозӣ.

Будем интизорат,
Эй Соли Нав, бифармо!
Бар хонаю дари мо
Иқболи нав, бифармо!

## ОЁ АЗ РӮИ ҲУРМАТ?

«Ҳаф-ҳаф» кунад саги мо,
Одамонро тарсонад.
Бе рухсаташ ягон кас
По ба ҳавлӣ намонад.

Аз пушти гурбаю саг
Сур-сур кунад ҳамеша.
Ояд касе ба хона,
Ғур-ғур кунад ҳамеша.

Надорад майли ҳуҷум,
Аммо ба Мирбобо,
Шинад дар як ҷо ӯ ҷим,
Бобо чун шавад пайдо.

Оё аз рӯи ҳурмат
Раҳ медиҳад барояш?
Ё худ ба мисли як саг
Метарсад аз асояш?!

## РАСМИ БОБО

Як расмро Азиза
Оварду назди ман монд.
Пурсидамаш, ки «Ин кист?»,
Ночор гашту фаҳмонд:

«Беҳтар нигаҳ кун охир,
Албатта, расми бобост!»
Бингар чигуна монанд,
Бинаш, чи гуна зебост!»

«Зебост, - гуфтам, - оре,
Ин ҷои баҳси мо нест,
Лекин агар ки бобост,
Ришаш, бигӯ, чаро нест?»

Гуфто Азиза: «Бигзор
Бобо аз ин наранҷад,
Ришаш дароз бисёр,
Дар расми ман нагунҷад!»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ФАРДО ЧИ ҲОСИЛ ОРАД?

Боз ин чи моҷарое
Дар кӯча пушти ҷӯҷа?
Дорад кашокаш аз нав
Чун мурғчӯҷа Хӯҷа!

Як рӯзи роҳаташ нест,
Кораш ҳамеша ҷанг аст,
Дар деҳаи бузурге
Мардум аз ӯ ба танг аст.

Гуфтем мо дусад бор:
— Ин сон нашав ту бадкор!
Бар ҷоҳилу сияҳдил
Гап ҳам намекунад кор.

Ман аз худаш натарсам,
Тарсам зи қисмати ӯ:
Фардо чӣ ҳосил орад
Ин хулқу хислати ӯ?

## ТОҶИКИСТОНИ МО

Хонда доно шавем
Дар дабистони ту,
Ғунчасон во шавем
Дар гулистони ту.

Тоҷикистони мо,
Мулки озоди мо,
Эй дилу ҷони мо,
Хотири шоди мо!

Модари мушфиқӣ,
Баччаҳои туем!
Бар вафо лоиқӣ,
Бовафои туем!

Тоҷикистони мо,
Мулки озоди мо,
Эй дилу ҷони мо,
Хотири шоди мо!

То шавем инчунин
Дар канорат калон,
Дар канори Замин
Сабзу хуррам бимон!

Тоҷикистони мо,
Мулки озоди мо,
Эй дилу ҷони мо,
Хотири шоди мо!

## БОБОИ ШОИРИ МО

Барои устод Убайд Раҷаб

Бобои шоири мо
Ҳафтодсола мард аст,
Дунёи кӯдаконро
Дунёи шеър кардаст.

Бо шеъри кӯдакона
Ӯро ҷаҳон шиносад,
Ҳар шеърхон бидонад,
Ҳар шеърхон шиносад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Шеъраш ҳамеша ширин
Чун қанду чун хурӯсак,
Чун офтоб тобон,
Зебанда чун арӯсак.

Гӯяд барои хурдон,
Хурду калон бихонад,
Шеъри равони ӯро
Рӯди равон бидонад!

Дар шеъри кӯдакона
Ҳар ҷо, ки озмун шуд,
Пирӯз шеъри бобо
Бе ҳеҷ чанду чун шуд.

Шеъраш ба рӯи дунё
Рафтаст пора-пора,
Ҷамъаш агар биёрем,
Пур мешавад қатора!

Бобои мо бузург аст,
Бобои мо – ҷавондил,
Зеби тамоми базм аст,
Зеби тамоми маҳфил.

Бар устод гӯем:
Эҷодатон муборак,
Эй пири навҷавондил,
Ҳафтодатон муборак!

## ЗОДРӮЗ

Имрӯз аз ҳама пеш
Холаю амма омад,
Пас хеши дуру наздик,
Хулоса, ҳама омад.

Табрику шодбошӣ,
Бозичаҳои бисёр,
Конфетҳои ранга,
Попӯшҳои гулдор.

Ҳам куртаҳои шоҳӣ,
Ҳам рӯймоли пургул,
Табъи Азиза болад
Имрӯз мисли булбул.

Рӯзи муборак имрӯз,
Имрӯз дилфурӯз аст.
Афсӯс лек, ҳар сол
Як бор зодрӯз аст!

## ШОДИИ МОДАР

Аҳмад зи сайру бозӣ
Пешин ба хона омад,
Сар то ба пояш аммо
Рангин ба хона омад.

Аз ҳар тараф сиёҳӣ
Дар куртааш шакида,
Дар остину домон
Ранги дигар чакида.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Аҳмад, ба ту чӣ гап шуд? -
Гуфто модар ҳаросон, -
Дар кӯча ҷанг кардӣ
Ё бо касе, писарҷон?

Аҳмад ба рӯи модар
Кебида як нигаҳ кард:
— Шаҳтут хӯрдам андак,
Куртаамро сияҳ кард…

Осуда гашта модар,
Ба писар гуфто хандон:
— Як курта садқаи сар,
Дил тоза бошад, эй ҷон!

## ҲАЙРАТ

Талап-тулупи по шуд,
О, ин чӣ рафтуо шуд?

Даврон давида омад,
Афғон кашида омад,

Ранги рухаш парида,
Фарёду оби дида!

Якбора саф кашидем,
Берун ҳама давидем,

То пушти дар расидем,
Он ҷо вале чӣ дидем? –

Занбӯрҳои сарсон,
Занбӯрхона вайрон!..

Аз кӣ алам ситонем?
Бар кӣ мадад расонем?

## ҲАР КӢ БА ҲАР КОР БАНД

Ҳар яки мо корманд,
Ҳар кӣ ба ҳар кор банд:

Чӯб кашонад Ҳасан,
Гул бишинонад Чаман.

Об занад Марҳабо,
Хона бирӯбад Сабо.

Кулча пазад модарам,
Ман хураму додарам.

## РАСМ

Расми кашидаамро
Анвар накард манзур,
Эроди беҳад гирифт,
Бардошт бар сарам шӯр:

Гӯшаш чаро калон аст?
Бемӯй абрувонаш?
Майдони гӯштин аст
Пешонии калонаш?!

Қад пасту калла чун дег,
Гардан чу ришта борик…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Чашмаш чарост бенур
Монанди чоҳи торик?

— Маъзур, Анвари ҷон,
Ин буд, он чи дидам.
Охир, ба дафтарам ман
Расми туро кашидам!

## ДОДАРҶОНАКИ АНВАР

— Ҳезум биёр, Анвар, -
Хоҳиш кунад чу модар,
— Охир, табар шикаста, -
Баҳона орад Анвар.

— Алаф бидеҳ ба говон, -
Хоҳиш кунад чу модар,
— Ман дарс хонам аввал, -
Орад баҳона Анвар.

Аммо хабар надорад
Аз кори додараш ӯ,
Хандад ба ҳоли Анвар
Дар пушти модараш ӯ!

Ҳаррӯза корҳоро
Бе гуфтаҳои модар
Кайҳост карда иҷро
Додарҷонаки Анвар!

## АСПИ СИЁҲИ ҶАВӢ

Аспи сиёҳи ҷавӣ,
Ҷӯраи ман мешавӣ?

Бедаю обат диҳам,
Ҷояки хобат диҳам,

Шона ба ёлат занам,
Бӯса ба холат занам,

Тоза ҷават оварам,
Зини нават оварам,

Сахт хуморат шавам,
Боз саворат шавам,

Аз ҳама боло шавам,
Ба сони бобо шавам!

## СОЛИ НАВ

Аз кӯҳ сӯи водӣ
Барфак хамида омад,
Бобои Барфии мо
Чобук расида омад.

Бозичаҳо дурахшон
Дар шохаҳои арча,
Бо ҳам тарона хонем
Духтарчаю писарча.

Берун касе намонад
Аз базму рақсу бозӣ
Аз тӯҳфаҳои Бобо
Дорем сарфарозӣ!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед





барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Будем интизорат
Эй Соли Нав, бифармо!
Бар хонаю дари мо
Иқболи нав, бифармо!

## МОДАР

Эй модари азиз,
Ту ҷони дигарӣ,
Аз ҳар чӣ бартарӣ,
Аз ҳар кӣ беҳтарӣ.

Зеро ки чун ту нест
Ғамхору ғамгусор,
Бар кӯдакони хеш
Дилсӯзу ҷонсупор.

Оре, падар – азиз,
Хуб аст хоҳарам,
Пайвандҳо ба ҷон
Дорад бародарам.

Эй модари азиз,
Аммо ту дигарӣ,
Аз ҳар чӣ бартарӣ,
Аз ҳар кӣ беҳтарӣ!

## ПАНДИ ПАДАР

Дорад садо бар гӯши ман
Аз кӯдакӣ панди падар,
Гапнодароиҳои ман
Аз кӯдакам омад ба сар.

Айёми тифлӣ мисли ту
Ман ҳам будам гапнодаро,
Сад панд медодам падар,
Парво намеомад маро.

Коре агар фармояд ӯ,
Бар кӯча мерафтам ба дав,
Буд кори ман ҷангу талош
Бо бачаҳои нав ба нав.

Ҳар гоҳ агар ранҷад падар,
Мегуфт орому ҳазин:
«Фардо ки ранҷондат писар,
Аз кардаҳои худ бубин!»

## РОЗ

Бишнав, Ситора,
Розе кушоям:
Дар хоб ҳар шаб
Бар Маҳ бароям.

Ёронам он ҷо
Фурсат шуморанд,
Ҳар шаб ба роҳам
Чашминтизоранд.

Хоҳӣ, ки бар Моҳ
Бо ман барой,
Бе ғаш ба ҷогаҳ
Бояд дарой.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Орому бегап
Бояд бихобем,
То ҷониби Моҳ
Бо ҳам шитобем!

## ДУХТУРИ БИБӢ

Барои бибӣ
Духтури доно
Дар хонаи мост
Ситораи мо.

Чун шавад бемор,
Ситора ояд,
Ҷониби бибӣ
Бағал кушояд.

Бибӣ ба сӯяш
Кунад табассум,
Касали бибӣ
Ҳамон шавад гум!

## ГОВИ АЛОЯМ

Гови алоям,
Наздат биёям,

Коҳат биёрам,
Емат гузорам.

Кунҷораи тар
Аз ҳама беҳтар,

Тағораҳо пур,
Боиштиҳо хур!

То ки шавӣ сер,
Диҳӣ ба мо шир,

Аз ширу қаймоқ
Табъам шавад чоқ!

## СИТОРА ВА ШАМОЛАК

Тозад Шамолак
Сӯи Ситора,
Хоҳад, ки аз роҳ
Созад канора.

Печида бо шаст
Ларзонад ӯро,
Хоҳад, ки аз пой
Афтонад ӯро.

Аммо Ситора
Бошад калонак,
Бо пои худ ӯ
Шодон равонак.

Асло натарсад
Аз боду борон,
Ӯро, Шамолак,
Бар ҳоли худ мон!

## АФСОНА

Холаи Гулрӯй
Бар ману Саттор
Афсона гӯяд
Бо шавқи бисёр.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Аммо, чӣ гӯям,
Саттори нодон
Парво накарда,
Бардорад афғон.

Афсона бисёр
Бар ман писанд аст,
Саттор лекин
Хоҳони қанд аст.

Мон, ӯ хурад қанд,
Холаи Гулрӯй,
Афсонаҳоро
Танҳо ба ман гӯй!

## МУБОРАКБОДӢ

Бодо муборак,
Барнои зебо,
Рӯзи таваллуд,
Рӯзи таманно!

Табрик гӯянд
Хурсанду хандон
Аз дуру наздик
Хешу таборон.

Оварда бар ту
Ин бастаҳоро,
Ин тухфаҳоро,
Гулдастаҳоро.

Барнои ҷонон,
Чун мо калон шав,
Аз соли дигар
Мактаб равон шав!

## СИТОРА

Аз Конибодом
Омад қатора,
Ҳамроҳи бобош
Омад Ситора.

Шуд хона равшан
Аз нури меҳмон.
Модар пазад ош
Бо шавқу илҳон.

Оши ҳисорӣ –
Оши бамазза,
Пур-пури равған,
Пур-пури ҷазза.

Мо бо Ситора
Дорем бозӣ,
Ӯ ҳар чӣ гӯяд,
Бошем розӣ.

То шод гардад
Аз мо Ситора,
То хонаи мо
Ояд дубора!



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ДАР ХОНАИ МО

Ин хонаи мо
Ҷои тамошо:

Дар шеър гуфтан
Зӯр аст Савсан.

Бо шавқ Мумтоз
Мехонад овоз.

Раққоса – Зебо,
Рақсаш – фиребо.

Тамошогарҳо –
Ману Зулайхо!

## БУЗИЧАИ МАСТАК

Эй бузаки маст,
Метозӣ башаст,
Хоҳӣ бикӯбӣ
Бо шоху бо даст!

Дар хотират ҳаст? –
Беоча мондӣ,
Дар хонаи мо
Танҳоча мондӣ.

Ҳар рӯз се бор
Бо нону бо шир
(Ман худ нахурдам)
Кардам туро сер.

Бар задани ман
Метозӣ акнун…
Ҳушёртар шав,
Андеша ҳам кун!

## ЗАНБӮРИ АЛО

Занбӯраке ало буд,
Дар тораки ҳаво буд,

Дасте ба вай набурдам,
Қасди баде накардам.

Бо латтааш наронда,
Бо шаттааш наронда,

Ҳалво аз они ман буд,
Пеши даҳони ман буд,

Ҳалвои худ бихурдам,
Парвои вай накардам…

Ногаҳ ҳум-ҳуми ҳум кард,
Ба сӯи ман ҳуҷум кард,

Омад, газид аз рӯям,
Дигар ба вай чӣ гӯям?!

Занбӯраки ҳалвохур,
Ҳалво нахур, бало хур!

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МУНДАРИЧА

Одам ҳайрон мешавад .................... 3
То одам доно бошад .................... 3
Ҷӯи нав .................... 3
Деҳаи дӯстӣ .................... 3
Дар хона баҳорам ҳаст .................... 4
Хурӯс .................... 4
«Меҳр» .................... 4
Шақшақа .................... 4
Обёрӣ .................... 5
Ҳулӯл .................... 5
Чирчирак .................... 5
Меборад борон .................... 5
Таҳи кулаҳ чӣ бошад? .................... 6
Куртаи баҳор .................... 6
Бори вазнин .................... 6
Чӯҷа .................... 6
Ҷуворимакка .................... 7
Борон .................... 7
Чӣ гап? .................... 7
Сарвиноз .................... 7
Духтари хуби хона .................... 7
Нигина ва Хадича .................... 8
Асо чӣ сеҳр дорад? .................... 8
Фотимаю Заҳро .................... 8
Омад айёми лола .................... 9
Ман ӯро меғалтонам! .................... 9
Дарс .................... 9
Аф дафтари Азиза .................... 10
Ҳамаро хабар кунед .................... 10
Хаби саҳар .................... 11
Ҷавоби дуруст кадом? .................... 11
Бобои барфӣ .................... 11
Мубтадо .................... 12
Баччамард .................... 12
Шиновар .................... 12
Қаламфур .................... 12
Нотар .................... 13
Хато .................... 13
Касал .................... 13
Фарзона афсона гуфт .................... 14
Мошон ба даст афтод .................... 14
Анвар куҷо шуд? .................... 14
Мошин .................... 15
Себи хубонӣ .................... 15
Анвар бедарак .................... 15

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Каду надорад .......... 16
Бибӣ биёяд .......... 16
Гурба қабул не .......... 16
Рассоми мактаби мо .......... 18
Куртаи нав мехарем .......... 18
Бо гули лола ояд .......... 18
Диҳад ҷавобаш .......... 18
Дандонакам, накун дард! .......... 19
Дуо ё асал .......... 19
Хонаи хола рафтем .......... 19
Чиқ-чиқ кам кун! .......... 20
Таги табақ чӣ дорад? .......... 20
Шаршара .......... 20
Гунҷишкаки тори сим .......... 20
Гурбача ва гӯсола .......... 21
Мошини Азиза .......... 21
Зафар куҷо шуд? .......... 22
Пинҳон куҷо шавам ман? .......... 22
Дигар «мияв» нагуфт .......... 24
Мурғак .......... 24
Чароғак .......... 24
Соли нав .......... 26
Оё аз рӯи ҳурмат? .......... 26
Сурати бобо .......... 26
Фардо чӣ ҳосил орад? .......... 28
Тоҷикистони мо .......... 28
Бобои шоири мо .......... 28
Зодрӯз .......... 29
Шодии модар .......... 29
Ҳайрат .......... 30
Ҳар кӣ ба ҳар кор банд .......... 30
Расм .......... 30
Додарҷонаки Анвар .......... 32
Соли Нав .......... 32
Аспи сиёҳи ҷавӣ .......... 32
Модар .......... 34
Панди падар .......... 34
Роз .......... 34
Духтури бибӣ .......... 35
Гови алоям .......... 35
Ситора ва шамолак .......... 35
Афсона .......... 35
Муборакбодӣ .......... 36
Ситора .......... 36
Дар хонаи мо .......... 37
Бузичаи мастак .......... 37
Занбӯри ало .......... 37

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Эгами Назруллоҳ

# АЗ ДАФТАРИ АЗИЗА

(Шеърҳои бачагона)


| | |
|---|---|
| Муҳаррири ороиш | А. Муҳаммадиев |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | А. Мираҳмадов |
| Тарроҳ | Ф. Раҳимов |

Ба матбаа 17.07.2005 супорида шуд. Ба чопаш 25.07.2005 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 70x90 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 2,5. Адади нашр 500 нусха. Супориши №56/05.

Нашриёти **«Адиб»**-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.

Дар матбааи нашриёти «*ЭҶОД*» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 21-95-43.
E-mail: ejodfir@mail.ru.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*